*Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум!*

ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

# ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 16 (469),
28 апрели
соли 2022

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон



# НАБОЯД ЗОҲИРПАРАСТУ ИСРОФКОР БОШЕМ!

## *Иқтибосҳо аз Паёми шодбошӣ ба муносибати иди саиди Фитр (аз 12.05.2021)*

...Додани фитри рӯза, дигар хайроту садақот ва анҷом додани амалҳои хайру савоб дар ҳаққи ятимону маъюбон ва оилаҳои камбизоату эҳтиёҷманд аз ҷумлаи вазифаҳои инсонӣ ва қарзи имонии ҳар як шахси муъмину савобҷӯй мебошад.

***

.... Хотирнишон месозам, ки болоравии нархи маҳсулоти воридотӣ аз мову шумо вобаста нест. Бинобар ин, ба тамоми ҳамватанони азиз ва махсусан, ба занону бонувони муҳтарам хотиррасон менамоям, ки заҳмати софдилона ва сарфаю сариштакорӣ роҳи ягонаи пешгирӣ кардани таъсири манфии ин раванд ба зиндагиву рӯзгори мардум мебошад.

***

.... Мо бояд ҳар рӯзро ғанимат донис-та, барои ҳарчи бештар истеҳсол кардани маҳсулот ва боз ҳам беҳтар бо маводи ғизоӣ таъмин намудани аҳолии кишвар кӯшиш намоем.

Яъне мо бояд тарзе кор кунем, ки дар кишварамон фаровонии маҳсулот таъмин гардад ва дар ҳар як оила барои тирамоҳу зимистони дарпешистода аз имрӯз сар карда, захираи зарурии озуқаворӣ ташкил карда шавад.

***

Мо набояд ба зоҳирпарастиву намоишкорӣ ва исрофкорӣ, махсусан, исрофи нон ва дигар маҳсулоти хӯрокворӣ роҳ диҳем.

Воқеан, исрофкориро дини мубини ислом низ маҳкум мекунад ва Худованд дар каломи осмонии худ дар ояти бисту ҳафтуми сураи «Исро» мефармояд: – «Ба дурустӣ ки исрофкорон бародарони шайтонҳоянд ва шайтон нисбат ба Парвардигори худ носипос аст».

***

Ба ҷойи зиёдаравию исрофкорӣ зарур аст, ки имкониятҳои молиявии оилаҳо барои тарбияи фарзандон, киояндаи мову шумо мебошанд, фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагии аҳли хонадон, яъне беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии оила ва фарзандон, ободии хонаи истиқоматӣ ва маҳалли зист равона карда шаванд.

***

Хотирнишон менамоям, ки ҳамаи мо вазифадорем бробари иҷрои воҷиботи динӣ, ба хотири таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ саъю талош намоем ва ободии Ватани маҳбуб, пешрафти давлати соҳибистиқлол ва боз ҳам баланд бардоштани обрӯи байналмилалии Тоҷикистони азизамонро қарзи виҷдониву имонии худ шуморем.

***

Ҳар яки мо бояд шукронаи ин неъмати бебаҳо, яъне истиқлолу озодиро ба ҷо оварем, онро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва тамоми саъю кӯшиши худро ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллиамон равона созем.

Мо вазифадорем, ки сарзамини аҷдодиамонро обод кунем, рушди давлатамонро таъмин намоем, ба наслҳои оянда як мулки осуда ва давлати нерӯманду пешрафтаро ба мерос гузорем.

***Манбаъ www.prezident.tj***

# 30 АПРЕЛ ЯКУМИН “СОАТИ СИЁСӢ!”

***Дар доираи Амалиёти муштарак санаи 30 апрел дар тамоми муассисаҳои таълимии ҳудуди вилояти Хатлон якумин "Соати сиёсӣ" дар мавзӯъҳои 1) тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ва ҳуввияти миллӣ, 2) вазъи бавуҷудомада дар ҳамсоякишвар-Афғонистон ва таҳдидҳои он ба Тоҷикистон, ҳамчунин, мавҷудияти низоъ бо Қирғизистон, 3) фишангҳои муқовимат бо гурӯҳҳои ифротӣ доир мегардад.***

***Соати сиёсӣ дар ташкилотҳои ибтидоӣ ва тамоми муассисаҳои таълимии ҳудуди вилояти Хатлон доир мегардад.***

***Ба ҳайси маърӯзачӣ дар Соати сиёсӣ шахсони соҳибтаҷриба, олимону коршиносони маъруф даъват карда мешаванд.***

***Барои маълумоти бештар метавонед ба кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ ва ё шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо муроҷиат намоед.***




# 30 АПРЕЛ ҲАМА БА ТОЗАКУНИИ ОРОМГОҲҲО!




***Охири ҳафтаи ҷорӣ дар доираи Амалиёти "Рӯзи ёдоварӣ" тозакунии қабристонҳо доир мегардад.***

***Хотиррасон мекунем, ки дар доираи Амалиёти "Рӯзи ёдоварӣ" ҳар рӯзи якшанбеи охири моҳ дар ҳудуди вилояти Хатлон ҳашари муштараки тозакунии дохил ва атрофи қабристонҳо доир мегардад. Ҳар касе мехоҳад кори хайре намояд, пас, марҳамат ба "Рӯзи ёдоварӣ". Шумо метавонед саҳми худро бевосита, бо иштироки худ ва ё ба воситаи шахсони боэътимод дар шакли дастгирии моддию молиявӣ гузоред.***



Содирот омили муҳими рушди иқтисоди миллӣ - саҳ. 2




Қубодиён. хизматрасониҳо беҳтар мешаванд- саҳ. 5




Маҷро - саҳ.6



Рушди корхонаҳои саноатӣ дар маҳал- саҳ. 7

# СОДИРОТ ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

***Ба хотири баланд бардоштани иқтидори иқтисодӣ ва содиротии мамлакат дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба содироти маҳсулоти кишоварзӣ таҳти раёсати муовини Сарвазири кишвар Зиёзода Сулаймон Ризоӣ, раиси вилоят Қурбон Ҳакимзода, роҳбарону масъулини як қатор вазорату кумита ва агентиҳо, масъулини ташкилоти вилоятӣ, муовинони соҳавии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва соҳибкорони дигар раисони хоҷагиҳои деҳқонӣ, содироткунандагони маҳсулот баргузор шуд.***



Ҳадафи асосии Ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба содирот дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар он аст, ки имрӯз замони иқтисоди бозоргонӣ, талаботи Созмони умумиҷаҳонии савдо ҳар як истеҳсолотчӣ, ҳар як соҳибкори ватанӣ, ҳар як содироткунандаи маҳсулотро водор месозад, ки маҳсулоти босифат, рақобатпазир, бозгӯ ба талаботи меъёрҳои стандарти байналмилалиро ба инобат гирифта, бо маҳсулоти истеҳсолкарда ва содиротшаванда Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонӣ муаррифӣ карда тавонад. Иштирокчиёни Ситод дар оғоз аз истгоҳи Роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ дидан карда, бо шароиту имконоти он аз наздик ошноӣ пайдо карданд. Зимни боздид маълум гардид, ки барои содироти маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пиёз, меваҷот ҳама шароит фароҳам оварда шудааст. Барои содироти маҳсулот 40 вагонқатора пурра омода буда, нигоҳдории маҳсулот дар анборҳои истгоҳҳои Роҳи оҳани вилоят ройгон мебошад.

Иштирокчиёни Ситоди ҷумҳуриявӣ аз вазъи кунунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар кооперативи тиҷоратии ба номи "Турахон Эсанқулов" боздид ба амал оварданд. Хоҷагидорон дар майдони 390 гектар ба парвариши пиёз, пахта, гандуму ҷав, шолӣ, ҷуворимакка барои дон, картошка, полезӣ машғул буда, ҳар сол тавассути истифодаи самараноки обу замин ҳосили баланди зироати номбаргардидаро ба даст медароранд.

Идомаи Ситоди ҷумҳуриявии содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар маҷлисгоҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ баргузор шуд. Зимни ифтитоҳи ситод раиси вилояти Хатлон, узви Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода таъкид дошт, ки зимни сафари корӣ ба вилояти Хатлон ва воҳӯрӣ бо фаъолони вилоят Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 - уми феврали соли 2022 дастуру супориш доданд, ки соҳаҳои саноату кишоварзиро рушди тоза бахшида, ба содироти бештари маҳсулот ба хориҷи кишвар муваффақ гардем.

Муовини Сарвазири мамлакат Зиёзода Сулаймон Ризоӣ, ки Ситоди ҷумҳуриявӣ таҳти роҳбарии ӯ гузашт, масъалагузорӣ намуд, ки чӣ тавр ва бо кадом роҳҳо метавон содироти маҳсулоти муаррификунандаи мамлакатро ба хориҷи кишвар беҳтар намуда, ҳавасмандии истеҳсолкунандагони ватаниро таъмин ва барои содирот ҳама шароити бозгӯ ба талаботи ҷаҳони муосирро фароҳам оварем. Таъкид гардид, ки соли 2021-ум аз ҷумҳурӣ 230 ҳазор тонна маҳсулот содирот шудааст ва ин рақам дар соли 2022-юм бояд афзоиш ёбад, зеро ба меваю сабзавоти Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ниёзи бештар доранд. Аз ҳама имтиёзҳое, ки муқаррар гардидааст, бояд истеҳсолотчиёну содироткунандагон оқилона истифода баранд ва ба касе ҳуқуқ дода нашудааст, ки дар ин самт монеа эҷод кунад, зеро ин дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Ситоди сайёри ҷумҳуриявӣ оид ба содирот дар назди муовини Сарвазири мамлакат роҳбарону масъулини Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумрук, Палатаи савдо ва саноати ҷумҳурӣ, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳан"-и Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохила, Вазорати нақлиёт, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Амонатбонк", "Саноатсодиротбонк" ва дигар роҳбарону намояндагони масъул оид ба омодагӣ ба мавсими содирот, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он фикру андешаҳои хешро иброз доштанд. Таъкид шуд, ки аз пардохтҳои беасос даст кашида, тавассути хадамоти гумруку омор ва дигар мақомоти назоратӣ ҳуҷҷатгузориҳо дар вилоят ба расмият даровар да шавад. Дар самти банду басти маҳсулот, омода кардани маҳсулот ба хориҷи кишвар, нархи маҳсулот, сифат ва бехатарии маҳсулот назорати ҷиддӣ баранд, масъулин бо деҳқон ва истеҳсолотчиёну соҳибкорон омӯзиш гузаронанд, – вазифагузорӣ намуд муовини Сарвазири мамлакат.

Яке аз роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ иброз дошт, ки нархи нуриҳои минералӣ барои деҳқон гарон асту хароҷотро пӯшонидан душвор гардидааст. Воқеан, чунин нуриҳо аз хориҷи кишвар бо нархи гарон ворид мешаванд. Дар замони пешрафти технологияи муосир, ба роҳ мондани ҳамкории самарабахш бо давлатҳои тараққикардаи дунё деҳқон имкон дорад, ки дар парвариши ин ё он зироат аз маҷмуи нуриҳои микробиологӣ самаранок истифода барад. Бо ин роҳ ӯ метавонад бо нархи арзон маҳсулоти аз нигоҳи экологӣ тоза, ба солимии инсон бехатар, хушсифат, рақобатпазир ва бозгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ маҳсулот истеҳсол карда, муаррифгари Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ гардад.

Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода дар поёни Ситоди сайёри ҷумҳуриявӣ афзуд, ки вазифаҳо барои масъулин мушаххасанд. Ҳама сохторҳои марбутаро лозим меояд, ки дар самти иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон содиқона самти фаъолиятро дигар намуда, бахри содироти бештари маҳсулот ба хориҷи кишвар кор бурда, дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва бозорҳои истеъмолӣ саҳмгузор бошад.

***Шуъбаи таҳлилию иттилоотии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон***

# "ҶОМИ САЙЁР" ДУБОРА БА ФАРХОР БАРГАШТ

***Дар маҷлиси натиҷагириҳо аз фаъолияти КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар се моҳаи аввали соли ҷорӣ тибқи Рейтинги ҳизбӣ тими КИ ҲХДТ дар ноҳияи Фархор ҷойи аввалро ишғол намуда, сазовори "Ҷоми сайёр" -и КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон гардид. Инак, бори дуввум аст, ки Кумитаи мазкур дар асоси Рейтинг бо ишғоли мақоми аввал бо "Ҷоми сайёр" сазовор гардонида мешавад. Бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани коргузориву тақвият бахшидани самтҳои дигари фаъолияти ҳизбиён мусоҳибае доштем бо Назарзода Алӣ Исмон, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Фархор.***



– Сараввал Шуморо барои ғолибият дар Рейтинги ҳизбӣ табрик гуфта, дар фаъолияти минбаъдаатон муваффақиятҳо таманно дорем.

***Мегуфтед, ки чӣ гуна ба Шумо муяссар гардид, то дуюмбора сазовори "Ҷоми сайёр" гардед?***

– Дарвоқеъ, Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки ба ҳайси барномаи давлатӣ пазируфта шудааст, сол то сол такмил ёфта, пурратар фарогири тамоми соҳаҳои ҳаётӣ мегардад. Таҳкими раванди демократӣ ва рушди устувори он, баланд бардоштани самараи идораи давлатӣ, такмили қонунгузорӣ, худидоракунии самарабахш дар маҳал, озодии сухан дар воситаҳои ахбори омма, мубориза бар муқобили коррупсия, ривоҷи соҳибкории хурду миёна, сиёсати сармоягузорӣ, роҳӣ аз бунбасти иқтисодӣ, таъмири дастрасии мардум ба хизматрасонии сифатноки тиббӣ, беҳтар кардани ҳифзи муҳити зист, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди фарҳанг, такя ба ҷавонон ва ғайраҳо маҳаки асосии Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Вобаста ба фаҳмиши иштирокдорон дар ҷамъомадҳо шарҳу эзоҳ додани нуқтаҳои зикршудаи Барномаи мазкур нахустасоси муваффақияти мо ба ҳисоб меравад. Омили дигари муваффақиятҳои мо риояи интизоми қатъӣ дар фаъолияти идоравӣ аст. Ҳар рӯз қабл аз оғози кор кормандон ҷамъ шуда, давоми 10 – 15 дақиқа аз натиҷаҳои иҷрои вазифаҳои дирӯза пурсон шуда, сипас барои ҳар як корманди ҳизб вазифаҳо барои рӯзи нави корӣ муайян карда мешавад.

***– Каме дар бораи тими Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархор маълумот медодед. Дар пешрафту дастовардҳои ҳизбӣ кадоме аз кормандони шумо саҳми бештар гузоштаанд?***

– Тими мо аз 8 нафар иборат буда, банда, муовини раис – мудири шуъбаи ташкилӣ, мудири шуъбаи таблиғот, иттилоот ва матбуот, мудири шуъбаи кор бо занон ва ҷавонон, мудири бахши омор, мутахассиси шуъбаи ташкилӣ ва фаррош мебошанд. Ҳама тибқи дастурамал масъулиятҳои барзимадоштаи худро медонанд ва пайи иҷрои саривақтии вазифаҳои хизматӣ ва супоришҳои иловагии додашуда талош менамоянд. Дар ба даст омадани муваффақиятҳои ҳарсолаи мо ҳамаи кормандон нақши ба худ хос доранд.

***– Шумо фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фархорро дар мавриди кор бо ташкилотҳои ибтидоӣ чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед?***

– Асоси ҳизб ташкилотҳои ибтидоии он ба шумор меравад ва мусаллам аст, ки дар сурати суст будани кори ташкилотҳои ибтидоӣ комёбиву пешравиҳоро интизор шудан беҳуда аст. Феълан дар ҳудуди ноҳия 140 адад ташкилотҳои ибтидоии ҲХДТ амал мекунанд, ки кору ҳуҷҷатдорӣ дар ҳамаи онҳо ба тарзи қаноатбахш ба роҳ монда шудааст. Мушкил дар он аст, ки аксари ташкилотҳои ибтидоии дар деҳот воқеъбуда, утоқҳои кории худро надоранд.

***– Давоми давраи ҳисоботӣ нақшаи иҷрои буҷет дар Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия 120% иҷро шудааст. Омилҳои асосии муваффақиятро дар ин самт шарҳ медодед?***

– Чун дар бораи иҷроиши буҷет сухан меравад, бояд қайд намоям, ки асоси пешравии кор дар ҳама самтҳо пеш аз ҳама дар сатҳи иҷрои буҷет вобастагӣ дорад. Чун маблағ набошад на ҳавасмандгардонии кормандон сурат мегирад ва на чорабиниҳо дар самти зарурӣ мегузаранд ва на пояи моддӣ-техникӣ беҳтар мегардад ва маълум аст, ки бе пояи мустаҳками моддӣ-техникӣ мо дар самтҳои фаъолияти хеш пешрафт карда наметавонем. Мавриди зикр аст, ки на танҳо дар семоҳаи аввали соли 2022, балки аз соли 2010 инҷониб нақшаи ҷамъоварии ҳаққи узвияти ҲХДТ дар ноҳияи Фархор ҳамасола моҳ ба моҳ иҷро шуда истодааст. Тибқи дастури мақомоти болоии ҳизб кулли кормандони мо ба ҳайси сарпарасти ташкилотҳои ибтидоӣ вобаста шуда, бароббари талаботҳои ҷиддӣ дар иҷрои маҷмӯи корҳои ҳизбӣ ҳамчунин, ба пардохти саривақтии ҳаққи узвият низ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Баъдан, дар КИ ҲХДТ дар ноҳияи Фархор назорати рафти ҷамъоварии ҳаққи узвият танҳо вазифаи сармуҳосиб дониста намешавад. Аз тарафи дигар, вакилони Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ва аъзои Кумитаи иҷроия, ки дар ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ҳамчун узви ҳизб фаъолият доранд, ба тавъри ҳамешагӣ бо роҳбарони ташкилоту муассисаҳо ҷиҳати пардохти саривақтии ҳаққи узвияти ҲХДТ суҳбатҳо доир менамоянд. Илова бар ин алоқаи Кумитаи иҷроия дар ин самт бо масъулони ташкилоту муассисаҳо хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

***– Оид ба меъёри аз рӯи ҳисоботҳои фардии кормандон баҳогузорӣ шудани натиҷаи фаъолияти раиси Кумитаи иҷроия чӣ фикру андеша доред?***

– Хоҳиш мекардам, баҳогузорӣ ба фаъолияти раиси Кумитаи иҷроия аз рӯи 5 нишондод – қабули аъзои арзанда ба сафи ҲХДТ, таъсиси ташкилотҳои нави ибтидоӣ, дар сатҳи баланд баргузор намудани корҳои ташвиқотию тарғиботӣ, хуб ба роҳ мондани корҳои ҳуҷҷатдорӣ ва иҷрои нақшаи ҷамъоварии ҳаққи узвият (иҷрои буҷет) сурат бигирад.

Табиист, ки обрӯи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба мақом ва обрӯи Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагӣ дорад. Аз ин хотир ҷиҳати муаррифии ҲХДТ ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа дар маҳалҳо ҳар яки мо аъзои ҳизбро мебояд, ки бахри амалӣ намудани ҳадафҳои пешгирифтаи роҳбарияти олии мамлакат содиқона саъю талош намуда, дар рушду нумӯи Тоҷикистони азиз, таъмини зиндагии шоистаи мардум саҳми арзандаи худро гузорем.

***Мусоҳиб
Ҷамолиддин УСМОНИЁН,
"Ҳамрози халқ"***



# ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁН

***БАРГУЗОРИ СЕМИНАР-МАШВАРАТ ВА АКСИЯҲОИ ҲИЗБӢ, ДОИР КАРДАНИ СУҲБАТҲО БО ШАҲРВАНДОН ДАР МАСЪАЛАИ ИСТИФОДАИ МАҚСАДНОКИ НЕРУИ БАРҚ, ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ҲАР ЯК ВАҶАБ ЗАМИН, ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ПАҲНШАВИИ БЕМОРИҲОИ СИРОЯТӢ АЗ ҶУМЛАИ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБИЁНИ ШАҲРУ НАВОҲИИ ВИЛОЯТ БУДАНД. ЁДОВАР МЕШАВЕМ, МАВОДИ ИН САҲИФА, КИ ШАММАЕ АЗ ИҚДОМОТИ ЗИЁДИ ТАТБИҚШУДА ҲАСТАНД, ҶАНБАИ ҲИСОБОТӢ ДОШТА, МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯАШОН БАР ДӮШИ МУТАСАДДИЁНИ КУМИТАҲОИ ИҶРОИЯИ ШАҲРИЮ НОҲИЯВӢ МЕБОШАД.***



***НОРАК.*** Баҳри ободу зебогии маҳалли зист, ташвиқу тарғиби зебоипарастӣ дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Дӯконӣ" шанбегӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ аъзо ва ҷонибдорони ҳизб фаъолона иштирок намуда, ҷӯйборҳоро аз партов ва алафҳои бегона тоза намуданд. Чуноне иброз шуд, иштирокдорони шанбегӣ омода ҳастанд, ки ҳар ҳафта дар корҳои ободонӣ фаъолона иштирок намуда, дар гулгулшукуфоии як гӯшаи диёри азиз саҳми арзанда гузоранд.



***ЛЕВАКАНТ.*** Дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти самаранок истифодабарии заминҳои наздиҳавлигӣ, кормандони масъули Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант ва вакили маҳаллӣ бо усули хона ба хона бо сокинони деҳаи Нурафшони ҷамоати деҳоти Ваҳдат корҳои фаҳмондадиҳӣ доир намуданд.

Аз ҷумла зимни вохӯрӣ Азимҷон Расулов, муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Левакант оид ба самаранок истифодабарии ҳар қитъаи замин ва гирифтани ду се ҳосил, ки ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ҳар як оила, ғанӣ гардонидани бозори истеъмолии мамлакат мусоидат мекунад, сухан гуфт.



***Ҷ.БАЛХӢ.*** Вобаста ба даъвати баҳории ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо сокинони маҳал вохӯриҳо баргузор гардида истодааст. Ин навбат дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Навбаҳор" вобаста ба ҷалби ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, шароити хуби қисмҳои ҳарбӣ, имкониятҳои васеи ҷавонони ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ҷалбшаванда бо иштироки кормандони Кумитаи иҷроия дар ноҳияи мазкур вохӯрӣ гузаронида шуд. Ҳамзамон масъулин оид ба самараҳои неки даврони соҳибистиқлолӣ, ҳифзи марзу буми меҳан, хатарҳои глобалӣ, шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ суҳбат намуда, аз волидайни ҷавонписарон даъват ба амал оварда шуд, ки дар сафарбаршавии фарзандон барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ фаъол бошанд.



***КӮШОНИЁН.*** Кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Кӯшониён бо мақсади ҷалби шаҳрвандон барои меҳнати пурмаҳсул дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, фаъолияти назаррас дар таъмини бозор бо сабзавоти тару тоза ва дар ин замина пешгирии болоравии беасоси нархҳо, истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ бо якчанд нафар сокинони деҳаи Ганҷинаи ҷамоати деҳоти Меҳнатободи ноҳия вохӯрӣ намуданд.

***А.ҶОМӢ***

Барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон будан боиси ифтихор ва сарафрозӣ мебошад, чунки узвият ба ҳизби сиёсӣ нишони садоқат ба Ватан ва давлат буда, ба шаҳрванд мақоми сиёсӣ дода, ба ӯ ҷиҳати иштирок ва саҳмгузории бевосита дар идоракунии муносибатҳои сиёсӣ (давлатӣ) имконият фароҳам меорад. Бо ин мақсад дар ҷамоати деҳоти "Қ.Ғиёсов"-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ бо фаъолон, роҳбарон ва аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ суҳбату вохӯрӣ доир гардид. Дар вохӯрӣ ба як қатор роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ихтиёрӣ ба сафи ҲХДТ шомил гардиданд, аз ҷониби узви Кумитаи иҷроияи вилоятию ноҳиявии ҳизб, раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Раҳимзода Сафармуҳаммад Абдураҳмон, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Муҳаммаддовуд Ҳалимзода дар вазъияти тантанавӣ шаҳодатномаи ҳизбӣ супорида шуд.

***ҚУБОДИЁН***

Тибқи нақша-чорабинии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён дар доираи аксияи ҳизбии "Якҷоя месозем!" бо саҳми аъзои ташкилоти ибтидоии "Мир-19" ва ҷалби соҳибкорони хайрхоҳу саховатпеша роҳи маркази ҷамоати деҳоти ба номи И.Ниёзов мумфарш карда шуд.

***ЁВОН***

Бо мақсади сазовор истиқбол намудани ҷашни 35 - солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Меҳнатободи ҷамоати деҳоти Ситораи Сурх бо саҳми соҳибкорон, муҳоҷирони меҳнатӣ ва шахсони хайрхоҳи ҷомеа дар доираи аксияи ҳизбӣ таҳти унвони "Якҷоя месозем!" зиёда аз 300 метр роҳи дохили деҳа сангфарш карда шуд. Қаблан мардуми деҳа барои роҳи замонавӣ эҳтиёҷи калон доштанд. Шукронаи Истиқлоли давлатӣ ва Пешвои миллат, ки бо заҳмату талошҳои он кас корҳои ободонию созандагӣ дар кишварамон бо маром идома дорад. Ҳамаи соҳибкорону шахсони саховатманд бо пайравӣ аз Пешвои миллат корҳои ободонию созандагиро пешаи кори худ кардаанд, ки ин амали нек боиси ифтихори миллӣ ва ватандорист.



***Н.ХУСРАВ.*** Бо мақсади истиқболи сазовори 35- солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулини Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Носири Хусрав корҳои ободонию созандагиро вусъат бахшида, амалисозии дастурҳои роҳбарияти болоии ҳизб дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ибтидоӣ ҳизбиро роҳандозӣ намуда истодааст.

Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳия ва дастгирии сокинон аъзои ташкилоти ибтидоии деҳаи Қоракамари ҷамоати деҳоти "Наврӯз" аксияи ҳизбии «Якҷоя месозем!» баргузор намуда, роҳи даромади деҳаро ки хело дар ҳолати ногувор қарор дошт, ба масофаи зиёда аз 2.5 км сангфарш намуданд.



***ДАНҒАРА.*** Бо иштироки Каримзода Пирмуҳаммад, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара, дар ташкилоти ибидоии ҳизбии муассисаи давлатии "Қасри ҷумҳуриявии фарҳанги Данғара" хониши сиёсӣ доир гардид.

Дар хониши сиёсӣ масъулин бо аъзо ва кормандони ташкилоти номбурда вохӯрӣ доир намуда, оид ба самтҳои фаъолияти ҳизбӣ, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ҳамчун таҷассумгари сиёсати пешгирифтаи давлату ҳукумат ибрози андеша карданд. Зимнан дар фарҷоми вохӯрӣ ба 14 нафар ки бори аввал ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аъзо шуданд, шаҳодатномаҳои ҳизбӣ тақдим карда шуд.



***ХОВАЛИНГ.*** Бурдани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ ҷиҳати истифодаи самараноки замин ва аз як замин рӯёнидани чанд ҳосил як самти асосии фаъолияти кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалингро ташкил медиҳад.

Чунин вохӯрӣ аз тарафи кормандони Кумитаи иҷроия дар хоҷагии деҳқонии ба номи "Восеъ" бо заминистифодабарандагон гузаронида шуд.

Ба сокинон фаҳмонида шуд, ки дар чунин шароити бӯҳронӣ истифодаи самараноки замин воситаи ягонаи таъминоти оила ба маводи озуқа мебошад.



***ШАҲРИТУС.*** Масъулини Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Шаҳритус, дар якҷоягӣ бо намояндаи ҷамоати деҳоти Пахтаобод бо усули хона ба хона вохӯрӣ ва суҳбатҳо оид ба кишти баҳорӣ, ҷалби ҳар як оила ба кишту корӣ такрорӣ ва оқилонаву самаранок истифода намудани замин, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, вусъат бахшидани чорводорӣ, парандапарварӣ ва моҳипарварӣ, инчунин вусъати корҳои созандагию ободонӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон баргузор намуданд.

# АЗ ТАРБИЯИ ТИФЛ ТО БУНЁДИ ОИЛА

**Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилона аз муҳимтарин вазифае мебошад, ки бунёди оилаи пойдор ба он вобастагии асосӣ дорад. Барои бунёди оилаи солим, таъмини зиндагии орому осуда, расидан ба комёбиҳо ва бартараф намудани мушкилиҳо ба навхонадорон зарур аст, ки маърифати комил, омодагии ҷиддии равонию ҷисмонӣ, маънавӣ ва иқтисодӣ дошта бошанд.**

## АЗ ТАҶРИБАИ РӮЗГОР

Гарчанде синну соли никоҳӣ аз 18-солагӣ муқаррар шуда бошад ҳам, таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бештари навхонадорон дар ин синну сол ба ҳаёти оилавӣ омода нестанд. Чунончи, дар аксари ҳолатҳо бар асари ташвиши зиндагӣ ва ба ҳам мувофиқ наомадани фикру ақидаҳо зану шавҳари ҷавон, ки ба ҳаёти оилавӣ устувор нестанд, аз ҳам ҷудо мешаванд ва ин ба тарбияи фарзандон, пеш бурдани зиндагӣ таъсири манфӣ расонида, монеаҳои дигар низ эҷод мекунад.

Волидон вазифадоранд, ки ба фарзанд дар мавзӯъҳои оиладорӣ, муносибати зану шавҳар, рӯзгордорӣ, меҳмондорӣ, муносибат ба хешу табори якдигар ва тарбияи фарзанд суҳбатҳо гузаронанд ва дар ин кор анъанаҳои беҳтарини ниёгонро истифода намоянд.

Баъзан падару модар фарзанди 18-19-солаашро хонадор мекунанд. Албатта, дар ин синну сол барпо кардани оиларо қонунгузории мамлакат иҷозат додааст, аммо таҷрибаи рӯзгор нишон медиҳад, ки аксари ҳолатҳои вайроншавии оилаҳо ба бармаҳал оиладор кардани ҷавонон, омода набудани онҳо ба ҳаёти мустақилона, никоҳи хешутаборӣ, вобастагии молиявӣ ба волидон, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани шавҳарҳо, дахолати хешовандони наздик ва хушунати оилавӣ вобаста мебошад.

Яке аз паёмадҳои вайроншавии оилаҳо беназорат мондани кӯдакон мебошад, ки аксари онҳоро ба оворагардӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ва дигар кирдорҳои номатлуб мебарад.

Таҳлилҳои ҳаёти оилавии навхонадорон собит менамоянд, ки на ҳар навҷавон барои қадам гузоштан ба ҳаёти мустақилона омода аст. Аксари оилаҳои ҷавон ба пастиву баландиҳои ҳаёт тобовар нестанд. Ҳамчунин, онҳо дар таъмини моддиву маънавии оила танқисӣ мекашанд.

Муҳим аст, ки бо мақсади устувории оила ҷавонмарду ҷавонзан якдигарро хуб омӯхта, баъдан оила бунёд намоянд. Ҳамчунин, касб омӯхта, пойдевори оияндаи худро гузоранд, мавқеъ ва мақоми худро муайян кунанд ва аз таҷрибаи ҳаёт бархӯрдор шаванд. Дар ин бора суханони пурҳикмати Имоми Аъзам хеле бамаврид аст, ки ба ҷавонон таъкид кардааст: «Дар айёми ҷавонӣ, ки қалбат фориғу холӣ аз ташвишҳои фаровон аст, илм биёмӯз, сипас аз роҳи ҳалол мол ҷамъ кун, он гоҳ издивоҷ намо. Зеро ки ҳамзамон бо талаби илм ба фикри ҷамъ кардани мол биафтӣ. Вуҷуди мол туро ба зиндагии пурайшу нӯш кашида, дар натиҷа аз талаби илм оҷиз хоҳӣ монд. Ва агар дар даврони таҳсил ба фикри издивоҷ биафтӣ, маҷбур мешавӣ, ки аз пайи рафъи ҳавоиҷи (ҳоҷатҳои) аҳлу фарзандон талош кунӣ ва аз таҳсили илм даст бикашӣ, ки дар он сурат на илм омӯхтӣ ва на мол ба даст овардӣ». Аз ин рӯ хонадории духтарон ва писарон дар ҳолати бархӯрдории ҳамаҷиҳатаи онҳо аз илму дониш ва таҷрибаи ҳаёт мувофиқи мақсад хоҳад буд. Ҷавонон пеш аз қадам гузоштан ба ҳаёти оилавӣ бояд аз ҷиҳати иқтисодӣ пурра мустақил бошанд. Ҳарчанд онҳо зиндагии оилавии худро дар хонаи волидон оғоз мекунанд, бо вуҷуди ин бояд саҳми худро ба буҷети оила гузоранд. Дигар ин ки ҷавонон бояд ба ҳаёти оилавии мустақилона омода бошанд.

## КАДОМЕ МУҲИМТАР?

Масъалаи дигаре, ки волидон пеш аз хонадоркунии фарзандон бояд ба назар бигиранд, ин хизмати ҳарбӣ мебошад. Албатта, ҳар як падару модар мехоҳад тӯйи фарзандашро бубинад ва соҳиби набера шавад. Онҳо андеша мекунанд, ки писарашон ба хизмати ҳарбӣ даъват шавад ҳам, арӯс дар назди онҳо мемонад ва хизматашонро ба ҷо меорад. Аммо гоҳо ин тавр мешавад, ки баъд аз чанд моҳи хонадоршавӣ ва ба хизмати ҳарбӣ даъват шудани ҷавон арӯс ба хонаи падару модари худ меравад. Дар чунин ҳолатҳо байни арӯс ва падару модари домод дилхунукӣ пайдо мешавад, ки он ба муносибатҳои ояндаи оилавии зану шавҳар таъсири манфӣ мерасонад. Гоҳо фироқи тӯлонӣ (2 сол) ба оилаи ҷавони ҳанӯз мустаҳкамнагаштаи ҷавонон рахна мезанад.

Бузургон беҳуда нагуфтаанд, ки «Меҳр дар чашм аст». Муддати дароз аз ҳам ҷудо будан сабаби коста шудани меҳр ва туғён задани рашку ҳасад мегардад. Аз ин ҷиҳат хуб мешуд, ки ҷавонон пас аз адои хизмати ҳарбӣ хонадор шаванд.

Маълум аст, ки бештари ҷавонони мо пеш аз оиладор шудан бо ҳамдигар шиносанд, дӯстию рафоқат доранд, ҳамдигарро дӯст дошта, ба никоҳ розӣ мешаванд. Аммо ҳоло ҳам ҳодисаҳои маҷбуран бе розигии духтар ба шавҳар додан мушоҳида мешавад. Бинобар ин ҷавононе, ки ба ақди никоҳ розӣ мешаванд, бояд розигии номзадашро фаҳманд, ки ин яке аз шартҳои бунёди оилаи солим ва хушбахт аст.

Аз андешаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷавонон бояд аз ҷиҳати маънавӣ ба ҳаёти оилавӣ омода бошанд. Мард бояд пособонии муҳаббат, саодат ва шарафи оиларо ба дӯш гирад. Агар ҷавон ҳис кунад, ки ба бардоштани чунин бори гарон қодир аст, пас вай ба оиладор шудан омода аст.

Оиладор шудан дар ҳаёти ҳар як ҷавон воқеаи муҳимму фараҳбахш ва гуворову фаромӯшнашаванда аст. Аз ин рӯ ҳар як падару модар орзу мекунад, ки ин воқеа бо хурсандӣ қайд шавад. Ҷавонон ҳам барои амалӣ гардидани ин орзу ва ҳифзи номи неки хонадон бояд ҳаматарафа андеша намоянд, масъулияти худро дар назди оила, волидон ва ҷамъият ба хубӣ дарк кунанд. Аз ин лиҳоз барои бунёди оилаи солим ва мустаҳкам намудани он пеш аз барпо намудани оила бояд ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ кард:

– огоҳии навхонадорон аз таҷрибаи зиндагии шахсиятҳои рӯзгордида ва оилаҳои намунавӣ;

– омода намудани оилаҳои ҷавон ба ҳаёти мустақилона аз ҷониби падару модарон (фароҳам овардани шароити моддию маънавӣ);

– риояи одоби хостгорӣ;

– баёни аҳзу ниёзи духтар ва домодшаванда пеш аз никоҳ (аз муоинаи тиббӣ гузаронидани арӯсу домод ба хотири муайян намудани бемории рӯҳӣ, асабӣ ва иллат дар бадан);

– ба инобат гирифтани синну сол, сурат, сират ва мувофиқ омадани хислатҳои ҳамдигар;

– муайян намудани мухлат барои ҷавонон бо мақсади қабули қарори дуруст дар бораи интихоби ҳамсар;

– интихоби ихтиёрии (бе дахолати волидон) ҳамсар аз ҷониби ҷавонон;

– ба инобат гирифтани тамоми паҳлуҳои урфу одатҳои миллӣ ҳангоми интихоби ҳамсар.

Чӣ тавре ки иморат аз хиштҳо бунёд меёбад, давлат ҳам аз оилаҳо иборат мебошад. Бинобар ин вазъияти оила ба ҳаёти ҷамъиятии давлат таъсири бевосита мерасонад.

## БО ҲАВАС НЕ, ДАР АМАЛ БОЯД

Ба дунё омадани тифл барои ҳар як оила боиси шодию хурсандӣ мегардад. Қадами мубораки тифл ба хонадон нуру зиё ва саодату сафо бахшида, оиларо мустаҳкам, иродаи волидонро қавӣ ва бовариву эътимоди онҳоро ба якдигар афзун мегардонад. Дар баробари ин бояд дарк намуд, ки барои солим нигоҳ доштани оила масъулияти баланде ба дӯши волидон хоҳад буд. Зеро таваллуди фарзанд, дар баробари шодию фараҳ бо худ масъулияту вазифаҳои муайянеро ба миён меорад. Солиму бардам ба воя расонидани фарзанд яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми оила дар назди ҷамъият буда, аз падару модар масъулияти хеле зиёдро талаб менамояд. Падару модар вазифадоранд, ки нисбати тарбияи фарзандон ғамхорӣ намоянд, онҳоро ҳамчун шахсони арзандаи ҷамъият ба воя расонанд. Мутаассифона, оилаҳое низ ҳастанд, ки ба тарбияи фарзандон чандон эътибор намедиҳанд, ки ин ба ташаккули шахсияти фарзандон таъсири манфӣ расонида, тарбияи минбаъдаи онҳоро мушкил мегардонад. Танҳо ҳаваси тарбияи фарзанди хуб кардан кам аст, балки аз уҳдаи тарбияи фарзанд баромадан лозим. Тарбияи хуб сарбаландӣ, бахту саодат ва ифтихори мо, тарбияи бад шармсорӣ, бадбахтӣ ва хиҷолатмандии мо дар назди ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ мо бояд тарбияи фарзандро на танҳо кори шахсӣ, балки ҳамчун масъулият ва қарзи шаҳрвандӣ дар назди ҷомеа бидонем.

Ҷавҳари муносибати волидон ва фарзандонро бояд муҳаббат ва боварӣ, ки аз эҳтироми тарафайн асос ёфтааст, ташкил намояд. Дар оилаҳое, ки муҳити солим, муносибати дӯстона ва ҳамдигарфаҳмию боварӣ ҳукмфармост, барои тарбияи фарзанд заминаю имконоти хубе муҳайёст. Зеро чунин оилаҳо бештар аз муҳаббату вафодорӣ, масоили тарбиявию ахлоқӣ суҳбат ва миён меоранд, ки худ аз худ чунин муҳит ва муносибати оламн бо тинии кӯдакро аз муҳаббату вафодорӣ пайваста ғанӣ мегардонад. Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки муҳити оила доимо якрангу якмаром нест. Оила гоҳо ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад. Баробари ба воя расидани фарзандон талаботи онҳо бештар ва дахлу сарфи оила боз ҳам зиёдтар мегардад, ки ин ҳама ба муҳити тарбия дар оила бе асар намемонад. Аз ин рӯ таваллуди фарзанд ҳанӯз нисфи кор аст. Кори муҳим ва асосӣ тарбия намудан ва ҳамчун инсони бомаърифат, хушодобу меҳнатдӯст ба воя расонидани фарзанд мебошад. Тайёр намудани фарзандон ба ҳаёти мустақили оилавӣ, пеш аз ҳама, вазифаи падару модар аст. Кӯдаки навзод, ки ӯро ба ниҳоли наврас монанд мекунанд, дар оила чашм кушода, оламро мебинад, тадриҷан падару модар, хешу таборашро мешиносад, табассум кардан, хестану нишастан, қадами нахустин гузоштанро меомӯзад. Худшиносӣ, тасаввуроту ҷаҳонбинии ӯ аввалин бор дар оила, дар иҳотаи падару модар ибтидо гирифта, бо таъсири бевоситаи онҳо ташаккул меёбад.

## ТАРБИЯИ МЕҲНАТӢ МУҲИМ

Вазифаи дигаре, ки дар назди ҳар оила меистад, ин тарбияи хоҷагидорӣ ва меҳнатдӯстии фарзандон мебошад. Муҳаббат ба меҳнат аз кӯдакӣ ташаккул меёбад. Муносибати софдилонаи калонсолон ба меҳнат ба фарзандон таъсири мусбат мерасонад. Ҳар як оила вазифаи хоҷагӣ-истеҳсолиро иҷро мекунад ва ин кор махсусан дар деҳот хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар деҳот ҳар оила барои кишту кори шахсӣ дар назди хона замин дорад ва барои рӯёнидани маҳсулот аъзои оила дар он меҳнат мекунанд.



Меҳнат намудан дар замини назди ҳавлӣ, нигоҳ доштани чорвои шахсӣ ва анҷом додани корҳои хоҷагии оила иштироки ҳамаи аъзои оиларо талаб мекунад. Аз ин рӯ фарзандони деҳотӣ аз хурдӣ ба кори хоҷагидорӣ ҷалб мешаванд, ки ин барои онҳо як мактаби тарбияи меҳнатию хоҷагидорӣ мегардад. Бачаҳо дар замини назди ҳавлӣ кор мекунанд, меваю сабзавот ҷамъ меоваранд, барои чорво хошок захира мекунанд. Духтарон ба чорво нигоҳубин карда, кори хонаро анҷом медиҳанд, хӯрок мепазанд.

Онҳо ҳамчун шахси дар меҳнат обутобёфта ба камол мерасанд ва таҷрибаи андӯхтаи худро барои тарбияи фарзандони ояндаи хеш истифода мебаранд.

## ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ МЕБОЯД

Вазифаҳои дигари оила нигоҳ доштани пайванди наслҳост. Дар урфият мегӯянд, ки «ҳар шахс бояд ҳафт пушти худро донад», яъне дар бораи бобову бобокалон, момову момокалон ва дигар аҷдоди худ маълумот дошта бошад. Ин вазифаи падару модар аст, ки бояд дар бораи аҷдоди гузаштаи худ ба фарзандон ҳикоя кунанд. Бештари вақт агар бобову бибӣ дар қайди ҳаёт бошанд, ба набераҳояшон дар бораи гузаштагон ва хешу таборашон нақл мекунанд. Фарзандон, ки калон шуданд, падару модар онҳоро ба хонаҳои хешу табор ва дӯстонашон мебаранд. Хешу табору дӯстон ба дидорбинии онҳо меоянд. Ҳамин тариқ, бачаҳо хешу табор, дӯстони оиларо мешиносанд, бо фарзандони онҳо дӯстӣ пайдо мекунанд, ба хешу табор меҳр мебанданд ва бо ин робитаи авлодию дӯстӣ мустаҳкам мегардад. Бе мададу дастгирии хешу табор ва ёру дӯстон зиндагӣ кардан мушкил аст. Чуноне Муҳаммад Ҳиҷозӣ гуфтааст: «Танҳо ба дунё меоем ва танҳо мемирем. Вой, агар танҳо дил зиндагӣ кунем». Муносибати нек ба хешу табор, дӯстон, қадршиносию меҳрубонӣ, омода будан ба мадади ҳамдигар ба фарзандон дарси ибрат мешавад.

Ин ҷо танҳо якчанд вазифаи ҷамъиятии оила номбар карда шуд. Аммо ҳаёт аз шумо ҳал кардани вазифаҳои гуногуни дигарро низ талаб намояд, ки ба иҷрои он бояд омода бошед.

*Азиззода РУХСОРА, омӯзгори ДДБ ба номи Н. Хусрав*

# ҚУБОДИЁН. ХИЗМАТРАСОНИҲО БЕҲТАР МЕШАВАНД




**Бо мақсади рушди соҳаи саёҳӣ масъулини мақомоти маҳаллии аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва соҳибкорони ватандӯст шароити хуберо баҳри қабули меҳмонони дохилию хориҷӣ дар минтақаҳо фароҳам оварда истодаанд. Дар маркази ноҳияи Қубодиён аз тарафи яке аз соҳибкорон меҳмонхонаи замонавӣ бо тамоми шароити зарурии муосир сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст.**



Ноҳияи Қубодиён аз ҷумлаи минтақаҳои сайёҳӣ дар вилоят дониста шуда, дорои мазеъҳои таърихӣ мебошад. Ҳамасола сайёҳони дохилию хориҷӣ ба ин минтақа ташриф меоваранд ва аз ин хотир барои онҳо бояд шароити будубоши муносиб фароҳам оварда шавад.

Аз сафар ба ноҳияи Қубодиён маълумамон гардид, ки дар ноҳия ҳамагӣ 3 меҳмонхона фаъолият мекунад. Шароити меҳмонхонаи «Бозёфт» аз дигар меҳмонхонаҳо бо ҳуҷраҳои калону барҳаво, рахтҳои хоби босифат, таъмини телевизиору кондитсионер ва дигар шароитҳои зарурӣ фарқ мекунад.

Дар тагхонаи бинои меҳмонхонаи мазкур филиали Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ" дар ноҳияи Қубодиён фаъолият дорад, ки ҷавонон ба курсҳои омӯзишӣ ва табобатӣ ҷалб карда мешаванд. Зебонисо Раҷабова, директори филиали мазкур мегӯяд, ки дар он ҷо гиёҳдармонӣ, лойдармонӣ, сӯзандармонӣ, парасторӣ ва маҳсдармонӣ ба роҳ монда шудааст.

"Ба он хотир ин ҷо филиали мазкурро ташкил кардем, ки меҳмоне аз хориҷи кишвар ё аз дигар вилоятҳо меоянд, шояд ба гиёҳдармонӣ, лойдармонӣ, сӯзандармонӣ зарурат дошта бошанд. Медонем, ки дар аксарияти меҳмонхонаҳои хориҷ аз кишвар чунин шароит барои меҳмонон фароҳам оварда шудааст. Меҳмононе, ки то ба имрӯз қабул кардаем, ҳатман аз хизматрасониҳои инҷо истифода бурдаанд»,– мегӯяд З. Раҷабова.

Ба гуфтаи масъулин дар ин филиал курсҳои кӯтоҳмуддати 3 моҳа ва 6 моҳа ташкил гардидааст. Филиал кори худро аз моҳи ноябри соли 2021 оғоз карда, аз он вақт то инҷониб 120 нафар духтарон курсҳои кӯтоҳмуддатро хатм карда, соҳиби сертификат шудаанд. Феълан 62 нафари дигар низ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

«Мову шумо шоҳид ҳастем, ки шабу нимшаб бемор барои санҷидани ҳарорати бадан ва гузаронидани сӯзандору ба хонаи духтур меравад. Гоҳе духтурро пайдо мекунаду гоҳо не. Дар ин маврид бад шудани ҳолати бемор аз эҳтимол дур нест. Барои ҳамин мо табиби оилавӣ тайёр мекунем. Баъди хатми курсҳо ва гирифтани сертификат метавонанд барои аҳли хонаводаашон кумаки тиббӣ расонанд», – ироа дошт Зебонисо Раҷабова.

Масъулин барои рушди соҳаи тиб тамоми таҷҳизоти заруриро фароҳам овардаанд. Ба гуфтаи Зебонисо Раҷабова, директори филиали Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ" дар ноҳияи Қубодиён хоҳишмандони курсҳои кӯтоҳмуддат хеле зиёд аст. Қисме аз онҳо сокинони ноҳияҳои Шаҳритусу Носири Хусрав ва ноҳияи Дӯстӣ мебошанд. Бо кушода шудани меҳмонхона ва ба роҳ мондани фаъолияти филиали мазкур чандин нафар соҳиби ҷойи кор ва маоиши доимӣ гардиданд.

Агар аз як тараф кушода шудани меҳмонхона ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар маҳал мусоидат намояд, аз тарафи дигар ба ҳусни ноҳия зебогии дигар зам намудааст.

***Амонҷон МУҲИДДИНОВ,***
***«Ҳамрози халқ»***

# ГЕЛОС БА САЛОМАТӢ ЧӢ ФОИДА ДОРАД?

**Гелос ва олуболу меваҳои маълум аст. Меваи гелоси пухтагӣ калонтар аз олуболу, рангаш ба сурхӣ моил мебошад, навъи зардаш ҳам вуҷуд дорад. Вале олуболу бошад, сурхи кабудтоб мегардад, ҳатто ба ранги хун монанд аст. Мизоҷи самари олуболуи пухтагӣ дар дараҷаи дувум сард ва тар аст, вале мизоҷи гелоси пухтагӣ дар дараҷаи якум гарм ва тар аст.**



Хислатҳои шифобахшии гелос. Агар гелосро бихӯранд, бинобар рутубати часпак доштанаш аз меъда зуд мефарояд. Барои дағалии ҳалқ ва шуш даво мешавад, агар аз болои таом бихӯранд, бадҳазмӣ меоварад ва меъдаро заиф мегардонад. Инчунин, агар аз болои таом бихӯранд, ҳар моддае, ки дар меъда бисёр бошад, ин низ ба мизоҷи ҳамон табдил мееёбад. Дар вақти рӯй додани ин гуна ҳол чизҳои ҳазмкунандаи таоми гаммизоҷи қувватбахш бояд хӯрда шавад. Гелос дарунро меронад, шикамро мулоим мекунад. Агар хушкашро бихӯранд, дарунро мебандад.

Олуболуро бихӯранд, ташнагиро мешиканад, тезӣ ва ҷӯшиши сафро ва фишори баланди хунро паст мекунад, беҳузурӣ (беҷо) шудани дил, қайкунии сафровӣ ва исҳолро дафъ мекунад, меъда ва ҷигари гармро қувват мебахшад. Қуввати бандкунандагии он дар хушки он зиёда аз тари он мебошад. Аз донакаш шира кашида, бо даҳяк ҳиссаи он арпабодиён бихӯранд, санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Захми роҳи пешоб, яъне сӯзокро шифо мебахшад, ҳайзи бандгаштаро ҷорӣ мекунад.

Мизоҷи шилми ҳардуи ин дарахт гарм ва хушк аст ва дар хислат монанди шилми олу мебошад. Хусусияти поккунандагӣ дорад, часпак аст, ахлоти часпакро меканад. Инак, барои дағалии қасабаи шуш, яъне роҳи нафас, некӯ гардондани ранги рухсора ва барангехтани иштиҳо даво мебошад. Санги гурда ва хичакро майда карда мерезонад. Агар дағалии узвҳои даруни сина аз хушкӣ бошад, бо часпандагии худ шифо мебахшад ва балғами часпакро аз он меканад, пок мегардонад ва барои сурфаи кӯҳна даво мебошад, шарташ ҳамин, ки инро бояд бо оби хунук биёшоманд.

Миқдори як бор хӯрдан аз шилми ҳар дуи ин дарахт дар як рӯз 4,5 грамм аст. Ин шилмро маҳин соида, чун сурма ба чашм кашанд, нури чашмро тез мекунад ва қутури онро шифо мебахшад. Агар ин шилмро дар об ҳал карда бимоланд, чеҳраро пок мегардонад.

***Гирдоваранда***
***Зебо БОЗОРОВА,***
***"Канзи Шифо"***

## Вазъи ҳаво дар вилояти Хатлон барои ҳафт рӯз



| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 28 АПРЕЛ | 29 АПРЕЛ | 30 АПРЕЛ | 01 МАЙ | 02 МАЙ | 03 МАЙ | 04 МАЙ |
| +19° +33° | +20° +31° | +20° +33° | +20° +35° | +22° +34° | +21° +34° | +20° +28° |

Дурустии миёнаи пешгӯиҳои ҳаво 80-85% аст.

Сарчашма: www.sinoptic.com

**Эзоҳ: Маълумот мутобиқ ба маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар манзур шудааст. Фарқият дар ҷанубу ғарби вилоят (водиҳои Айвоҷ) 7-12 ва дар ҷанубу шарқи он (водиҳои Муъминобод) 10-14 дараҷа нисбат ба иттилои мазкурро ташкил медиҳад.**

# КӮДАКОН НИЁЗ БА БОҒЧА ДОРАНД



**Таҳсилоти томактабӣ яке аз бахшҳои асосии таълиму тарбия буда, барои рушди кӯдак муҳити солими инкишофро фароҳам меорад.**



Рухшона Элмуродова

Рухшона Элмуродова, мушовири муассисаҳои томактабии шуъбаи маорифи ноҳияи Кӯшониён, иброз медорад, ки таҳсилоти томактабӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф маҳсуб ёфта, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дастгирӣ меёбад.

Роҳбарияти олии кишвар ҷиҳати фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ дастуру супоришҳо дода буданд. Вобаста ба ин интизор мерафт, ки дар солҳои минбаъд дар тамоми шаҳру навоҳии кишвар омори фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ баробар афзоиш меёбад.

Кӯшониён аз калонтарин ноҳияҳои вилояти Хатлон ба шумор рафта, дорои 8 ҷамоати шаҳраку деҳот мебошад, ки танҳо дар чаҳор деҳоти он муассисаҳои томактабӣ фаъолият доранду халос. Бинобар норасоии муассисаҳои томактабӣ айни замон дар ҳудуди ноҳия дар назди 25 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ марказҳои инкишофи кӯдак фаъолият менамояд, ки барои аҳолии ноҳия нокифоя мебошад, – мегӯяд Рухшона Элмуродова.

– Дар ноҳия 29 ҳазору 948 нафар кӯдакони синни томактабӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин шумора 1 ҳазору 148 нафар дар 9 муассисаи томактбӣ ва 1 ҳазору 97 нафар ба марказҳои инкишофи кӯдаки назди муассисаҳои таълимии ноҳия фаро гирифта шудаанд.

Мавриди ба ёдоварист, ки солҳои охир талабот барои дар муассисаҳои томактабӣ фаро гирифтани кӯдакон меафзояд. Бинобар ин, тақозои замон аст, ки дар баробари дигар корҳои ободонӣ дар самти рушди деҳот, ҳамзамон, ҷиҳати бунёди муассисаҳои томактабӣ дар деҳаҳо низ иқдом гирифта шавад.

Алишер Қурбоналиев, сокини ҷамоати деҳоти Меҳнатободи ноҳияи Кӯшониён мегӯяд, ки аз набудани кӯдакистон ҳамарӯза 5-10 сомони маблағ сарф намуда, кӯдакони худро ба муассисаҳои таҳсилоти томактабии маркази ноҳия мефиристем. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки ҷиҳати бунёди кӯдакистонҳо дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳот ташаббусҳо амалӣ мешуданд.



Ниёзалӣ Ашуров

Баробари беҳтар шудани сатҳи иҷтимоии аҳолии деҳот сокинон аҳамияти таълиму тарбияи кӯдаконро дар муассисаҳои томактабӣ хуб дарк намуда, талабгори онанд, ки фарзандоношон ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шаванд, ки ин боиси инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдакон гашта, аз ҷониби дигар волидайн бо хотири ҷамъ пайи фаъолияти хоҷагидории хеш мешаванд, – иброз медорад Алишер Қурбоналиев.

Қобили зикр аст, ки норасоии кӯдакистонҳо натанҳо дар ноҳияҳо, балки дар шаҳрҳо низ ҷой дорад. Бинобар гуфтаи Ниёзалӣ Ашуров, мудири бахши маорифи шаҳри Левакант дар 4 муассисаи томактабӣ ва як муассисаи хусусии томактабии шаҳр 580 нафар кӯдакон ба тарбия фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, шумораи тарбиятгирандагони марказҳои рушди кӯдаки назди 16 муассисаи таълимии шаҳри Левакант ба 287 нафар мерсад. Яъне фарогирии кӯдакони синни томактабӣ дар кӯдакистону марказҳои инкишофи кӯдак 13,1 % -ро ташкил медиҳад.

Бо мақсади ба тарбияи томактабӣ фаро гирифтани шумораи кӯдакони деҳот дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Гулистони шаҳри Левакант дар нақша аст, ки як кӯдакистони хусусӣ бунёд шавад, – мегӯяд Ниёзалӣ Ашуров.

Имрӯз аксари кӯдакон аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар канор монда, имконияти омодагӣ ба таҳсилоти ибтидоиро надоранд. Дар муассисаи таҳсилоти томактабии №1 шаҳри Левакант айни замон 138 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шудааст. Дар муассисаи мазкур 11 мураббӣ пайи тарбия машғуланд ва ба кӯдакон дар баробари баргузории дигар машғулиятҳо забонҳои англисӣ ва русӣ омӯзиш дода мешаванд, – мегӯяд Муаззама Назрулоева, мудири муассисаи таҳсилоти томактабии №1- и шаҳр.

***Аҳлиддини МУБОРАКШОҲ,***
***“Ҳамрози Халқ”***

# МАҶРО

***Тақозои замон аст, ки дар радифи таҳрик бахшидани муҳимтарин самтҳои ҳаракати ҳизбӣ, ҳамзамон, фаъолони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо дар интихоби аъзои нав, ба неруи ояндасози ҷомеа ва қишри коргару деҳқон таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.***

Дастуру ҳидоятҳои Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати расидагӣ ба мушкилоти сокинон тақозо менамояд, ки дар баробари масъулони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолони ҲХДТ дар маҳалҳо дар радифи тақвият бахшидани самти таблиғу ташвиқи сиёсати давлатӣ ва ғояҳои пешбарандаи ҷомеа, ҳамзамон, ба афзудани сафи аъзои ҳизб аз ҳисоби сокинони деҳот, аз ҷумла, деҳқонону хоҷагидорон ва дигар коргарони соҳаи хоҷагии қишлоқ тамаркуз намоянд. Агар бахшҳои зикргардида қишри аксарияти мамлакат бошанд ҳам, ба ҳолати имрӯза 89 дарсади аъзои ҳизбро коргарони дохилиидоравӣ ва ҳамагӣ 11%-ро коргарони берунииидоравӣ, аз қабили аъзои хоҷагиҳои кишоварзӣ, соҳибкорон ва кормандону тоҷирони бозорҳо ташкил медиҳад. Ин дар ҳолест, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ дар қаламрави вилояти Хатлон 67,4% субъектҳои ҳисоботдиҳанда намояндагони бахши хусусӣ, аз ҷумла, коргарону саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорону савдогарони бозорҳо мебошанд. Аз сӯи дигар, бодарназардошти тадбирҳои маҷмӯавӣ ҷиҳати пешгирӣ аз таҳдидҳои беруна, масъулони ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳоро мебояд, ки миёни ба вижа, синфи коргару деҳқон чорабиниҳои сиёсӣ-идеологиро бештар роҳандозӣ намоянд. Дар ин росто қабули аъзои нав аз миёни сокинону саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Аз ин лиҳоз, барои муайян намудани потенсиали воқеии аъзоҳаққӣ дар ин ё он ноҳия кифоя аст, ки масъулони Кумитаҳои иҷроия боре ба маълумотҳои омории Фонди нафақа оид ба андози иҷтимоии 1 фоиза назар андозанд. Масалан, дар ноҳияе аз шумораи умумии 5 ҳазору 200 нафар коргарони соҳаҳои буҷетӣ 3 ҳазору 600 нафари он аъзои ҳизб, яъне, гурӯҳи коргарони дохилиидоравӣ мебошанд. Агар, дар ин ноҳия аз рӯи музди миёнаи маош, маблағи умумии андози иҷтимоӣ 1%-и коргарони соҳаи буҷетӣ 52 ҳазор сомониро ташкил диҳад, пас, ҳаҷми аъзоҳаққии 3,6 ҳазор аъзои ҳизб, ки баробари 1% аз музди маошро дарбар мегирад ба 36 ҳазор сомонӣ мерасад. Бо ҳамин минвол, масъулони КИ ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳо метавонанд оид ба вазъи воқеии пардохти аъзоҳаққӣ маълумоти дақиқ пайдо намоянд.

Аз сӯи дигар, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бештари ноҳияҳо пардохти аъзоҳаққӣ аз ҳисоби ташкилотҳои ибтидоии деҳот, аз ҷумла, аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таъхир афтода, баъзан, кормандони Кумитаҳои иҷроия пардохтпазир набудани хоҷагиҳои деҳқониро баҳона пеш меоваранд. Дар асл, баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки дар заминаи 2 гектар ва аз он ҳам камтар замини корам таъсис дода шуда, саҳмдоронаш аслан узви як хонавода мебошанд, шояд то ҳол музди маоши худро муқаррар накарда бошанд. Аммо вобаста ба усули муқаррар кардани аъзоҳаққӣ, ки 1% аз ҳисоби даромаднокии умумии моҳонаро ташкил мекунад, дар дастурамали Роҳнамо-2 мисолҳои мушаххас оварда шудааст, ки ин дастурамали ҳизбӣ ба роҳбарони ташкилотҳои ибтидоӣ аллакай дастраст мебошад.

Мушкили дигар дар иҷро нашудани нақшаи буҷет ин ба далели муайян набудани маоши доимии коргарон ё худ саҳмдорони хоҷагӣ аст. Агар роҳбар ва саҳмдорони хоҷагии деҳқонӣ узви як оила бошанд ва ё дар хоҷагиҳои кооперативӣ, ки ба обмонҳо ва дигар коргарон ба ҷойи маоши моҳона 10-15 сотих қитъаи корам ҷудо карда мешавад. Дар ҳар ду сурат, боназардошти даромад аз ҳосили замин метавон аъзоҳаққии саҳмдоронро муайян намуд. Ба андешаи як тан аз хоҷагидорони вилоят, ки аз ифшои номаш худдорӣ кард, сабабгори иҷро нашудани нақшаи буҷети КИ ҲХДТ дар ноҳияҳо худи масъулони ташкилотҳои ибтидоӣ мебошанд, ки тартиби дурусту низоми муосири пардохти аъзоҳаққиро ба аъзои ҳизб, ба хусус, деҳқонону коргарон пешниҳод накардаанд.

– Агар масъулон моҳияти аъзогӣ ва иҷрои масъулиятҳои оинномавии ҳизбиро ба аъзои қаторӣ фаҳмонида тавонанд, чаро мо деҳқон, ки бо хоҳиши худ аъзои ҲХДТ шудаем, аъзоҳаққиро пардохт накунем? – мегӯяд мусоҳиби мо.




Тавре мусоҳиби мо иқрор меояд, пардохти аъзоҳаққӣ натанҳо ба роҳбарону саҳмдорони хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳатто барои як сокини оддие, ки аз қитъаи наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон ё ба истилоҳ заминҳои президентӣ, ҳосили хуб мегирад, мушкилӣ надорад. Чун дар ҳоли ҳозир деҳқонон бинобар вақтро дуруст истифода бурдан, дар мавсими кишту кору коркарди зироат ва маъракаи ҷамъоварии ҳосил коргар кироя намуда, ба ҳар кувваи корӣ рӯзе 50-70 сомонӣ ҳақмузди нақд пардохт мекунанд. Аз ин лиҳоз, итминон дорам, ки тариқи фаҳмондадиҳии синфи коргару деҳқон оид ба ҷорӣ шудани низоми содаи ҷамъоварии аъзоҳаққӣ ин масъала ҳалли худро пайдо мекунад.

Биноан, масъулони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳоро мебояд, ки фаъолияти ташкилотҳои ибтидоиро дар самти таҳкими узвият ҷоннок намуда, ҷиҳати баланд бардоштани масъулияти ҳизбии аъзо ва зиёд намудани теъдоди аъзои салоҳиятнок тибқи Роҳнамо-2 чораҳои мушаххас биандешанд. Дар ин росто, қабули аъзои нав аз ҳисоби нафарони обрӯманду соҳибэҳтиром ва коргарону мутахассисони соҳаҳои гуногун, ки бо ҳаёту фаъолияти шоиста намунаи ибрат дар ҷомеа ба ҳисоб мераванд, мояи нуфузу эътибори бештари ҳизб миёни сокинони деҳоти дурдаст ва боло рафтани мақоми Кумитаи иҷроия дар рейтинги ҳизбӣ мегардад. Тавре дар боло зикр намудем, дар баробари ҷалби коргарону деҳқонон ба сафи ҳизб, ҳамкориву иртиботи зич бо сокинони маҳалу русотҳои дурдаст имкон медиҳад, ки бо огоҳии бештару амиқ аз шароити зисту афкори сокинони деҳот, дар масири маърифатнокиву мафкурасозии ҷомеа бештару хубтар муваффақ бошем.

***Ҷамолиддин УСМОНИЁН,***
***“Ҳамрози халқ”***

# РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР МАҲАЛ



**Имрӯзҳо таҳти сиёсати бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иншоотҳои таъиноташон гуногун, аз ҷумла, коргоҳу корхонаҳои саноатӣ қомат афрохта, симои шаҳру ноҳияҳо ба куллӣ тағйир ёфта истодааст. Дар ин росто садҳо нафар шаҳрвандон бо ҷойи кор фаро гирифта шуда, пешрафту шукуфоии мамлакат ва некӯаҳволии сокинон таъмин мегардад.**



Абдукарим Музаффаров

Панҷ аз ноҳияҳои дурдасту сарҳадии вилояти Хатлон ба ҳисоб рафта, айни замон корҳои ободониву созандагӣ бахшида ба истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ҷӯшу хурӯш идома дорад. Сокинони ноҳия бо меҳнати софдилона ҷиҳати саҳм гузоштан дар рушди ноҳия ба корҳои ободониву созандагӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии хеш ҷидду ҷаҳд доранд.

Корхонаи коркарду истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар ноҳияи Панҷ аз корхонаҳои дар замони соҳибистиқлолӣ бунёд гардида мебошад, ки бо фаъолияти пурсамар дар таъмини аҳолии ноҳия бо маҳсулоти хушсифати ширӣ нақши муҳим дорад.

Абдукарим Музаффаров, муҳандиси Корхонаи коркарди шири ноҳияи Панҷ иброз медорад, ки давоми 10 сол мешавад, корхонаи мазкур ба коркарду истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, аз қабили сметана, қаймоқ, ҷурғот, кефир, шири пастеризатсияшуда, дуғобаву ҷурғоти мевагӣ (йогурт) ва дар ҳолати пайдо шудани имконият панир машғул аст ва дар он 7 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин мебошанд. Инчунин, дар назди корхона мағозаи фурӯши маҳсулоти ширӣ фаъолият дошта, сокинони гирду атрофи маркази ноҳияро бо маҳсулоти ширии нисбати бозору дигар нуқтаҳои фурӯши маводи хӯрока арзону дастрас таъмин менамоянд.

– Мо аслан ширро аз аҳолӣ ва бахшҳои хусусӣ ҷамъоварӣ намуда, ҳамчунин дар назди корхона зиёда аз чор нуқтаи қабули шир ва як нуқтаи махсусгардонидашудаи қабули ширро таъсис додаем. Илова бар ин, 3 нуқтаи сайёри шир фаъолият дошта, ҳамарӯза то соати 8-и пагоҳӣ ба корхона ворид карда мешаванд.

Мо аллакай ба фасли гармо, яъне тобистон рӯз то рӯз наздик шуда истодаем ва иқлими ноҳияи Панҷ нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят гармтар аст, ба ин хотир, мо наметавонем, ки ширро дар ин фасли сол аз дигар шаҳру ноҳияҳои гирду атрофи ноҳия ворид созем, зеро шир бисёр як маҳсулоти нозук аст ва дар тобистон муҳлати истифодааш кӯтоҳ мебошад.

Корхонаи коркарду истеҳсоли маҳсулоти ширӣ дар ноҳияи Панҷ бо Маркази стандартизатсия, метрология сертификатсия ва нозироти савдои вилоят ҳамкории зич дошта, дорои сертификати сифати маҳсулот мебошад, – изҳор дошт Абдукарим Музаффаров. Маҳсулоти



Абдулманон Сафаров

истеҳсолнамудаи ширии корхонаи мо аз санҷиши Маркази стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи вилоят гузашта, пешкаши мизоҷону харидорон мегардад.

Дар маркази ноҳия 52 мағозаву нуқтаҳои фурӯши маводи хӯрока арзи ҳастӣ дошта, Корхонаи коркарди шир ин фурӯшгоҳҳоро бо маҳсулоти ширӣ таъмин менамояд.

Ҳамчунин дар назди корхонаи саноатӣ ташхисгоҳи лабораторӣ фаъолият дошта, дар он мутахассисони соҳавӣ ба кор ҷалб карда шудаанд. Пеш аз истеҳсоли маҳсулот шири воридшуда аз ташхиси лабораторӣ гузаронида шуда, баъдан барои истеҳсол иҷозат дода мешавад, – иброз медорад муҳандиси корхонаи мазкур.

Бинобар иттилои Абдулманон Сафаров, сардори сехи коркарди шир, дар корхонаи мазкур техникаву таҷҳизотҳои замонавии истеҳсоли Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Русия ворид карда шуда, дар он мутахассисони соҳибтаҷриба фаъолият доранд, ки бештари онҳоро занону ҷавондухтарони хонашин ташкил медиҳанд.

– Шукргузорӣ аз он дорем, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ нарафта дар назди хонаву пайвандони хеш соҳиби ҷойи кору музди кифоя мебошем. Бинобар ин, ҳамчун як шаҳрванди Тоҷикистон миннатдории худро ба Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мерасонам, ки бо ҳидояту роҳнамоии ӯ соҳибкорони ватанӣ бо таъсиси корхонаву коргоҳҳои саноатӣ барои садҳо нафар сокинон ҷойи кор фароҳам овардаанд.

Боварии комил дорам, ки дар солҳои 2022-2026 ҳамчун "Солҳои рушди саноат" шумораи чунин корхонаҳо афзун гардида, нафарони зиёд соҳиби ҷойи кор мегарданд ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар коҳиш меёбад, – мегӯяд Абдулманон Сафаров.

Ёдовар мешавем, ки корхонаи коркарди шири ноҳияи Панҷ дорои замини хоҷагии ёрирасон буда, дар он дарахтони мевадиҳандаи зардолу, себу шафтолу ва олучаву дигар намуди меваҳо парвариш карда мешавад. Аз суҳбат бо масъулони корхона бармеояд, ки дар мавсими ҷамъоварии ҳосили нав корхона барои истеҳсоли ҷурғоти мевагӣ ба ҷойи харгуна моеъҳои кимиёвӣ ва консерваҳо аз меваҳои тарзу тоза истифода мебарад, ки ин ба саломатӣ таъсири мусбат мерасонад.

*Зебо БОЗОРОВА, "Ҳамрози халқ"*

# ПАЁМ ҲУҶҶАТИ БАРНОМАВӢ ДАР РУШДИ САНОАТ

**Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари аҳамияти сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ доштанаш, инчунин моҳияти махсуси ахлоқиву тарбиявӣ низ дорад.**

Андешаҳои пурмуҳтаво ва пандомези Сарвари давлат зимни ироаи Паём дар бораи адлу тадбир, таълиму тарбия, илму маориф, ватандӯстию саховатмандӣ, адолати иҷтимоӣ, арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯ, волоияти қонун ва амсоли онҳо барои баланд бардоштани масъулият ва ҳисси миллию ватандӯстӣ, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа нақши муассир мегузорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми имсолаи худ дар баробари дигар соҳаҳо бахши соҳибкориро низ аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятноки иқтисодиёти кишвар ҳисобида, қайд намуданд, ки соҳибкорӣ барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум нақши муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, ҳамасола самти афзалиятноки иқтисодии кишвар таҳлилу арзёбӣ карда шуда, ҷиҳати дастгирӣ ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ вазифагузорӣ карда мешавад.

Пешвои миллат қайд намуданд, ки бо вуҷуди корҳои анҷомдодашуда ва дастовардҳои зикргардида, ҳамчунин, ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши равандҳи рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд. Аз ҷумла, дар панҷ соли минбаъда рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи на кам аз 7 фоиз ва ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, бо дарназардошти то 11 миллион нафар афзоиш ёфтани шумораи сокинони кишвар, бояд то 2 баробар зиёд карда шавад. Инчунин, зиёда аз 870 корхонаи саноатӣ таъсис дода, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 95 миллиард сомонӣ расонида, содироти он ду баробар афзоиш дода шавад. Ҳиссаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 26 фоиз расонида, дар ин раванд гуногунсамтии истеҳсолоти саноатӣ таъмин карда шавад.

Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла, раванди саноатикунонии босуръати кишвар Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шавад.

Таъкид карда шуд, ки дар ин давра бояд беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардад ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ ба 45 фоиз расонида, дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш дода шавад.



Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паём хотирнишон сохтанд, ки "Модоме ки мо ҳама якҷо як кишвари дар дами ҳалокат қарордоштаро ба қаламрави сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва шукуфоиву ободӣ табдил додем, қодир ҳастем, ки ҳамаи мушкилоти дигарро низ бартараф карда, дар оиндаи наздик Тоҷикистони маҳбубамонро бо заҳмати сарҷамъонаву ватандӯстона боз ҳам ободу пешрафта гардонем ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем".

*Ҷалилзода ХУСРАВ, муовини раиси Суди иқтисодии вилояти Хатлон*




*Рӯзе Луқмони Ҳаким ба писараш гуфт: “Имрӯз ба ту се панд медиҳам. Аввал ин ки, саъй кун дар зиндагӣ беҳтарин ғизои ҷаҳонро бихӯрӣ. Дуюм ин ки, кӯшиш кун, дар беҳтарин бистар ва рахти хоб бихобӣ. Сеюм ин ки дар беҳтарин кохҳо ва хонаҳои ҷаҳон зиндагӣ намо!” Писари Луқмон гуфт: “Барои амалӣ кардани ин чизҳо пулу моли зиёд лозим аст ва мо як хонаводаи фақир ҳастем, чӣ гуна метавон ин корҳоро анҷом дод?” Луқмон фармуд: “Барои амалӣ кардани ин фармудаҳо маблағи зиёд лозим нест: агар вақти хӯрокхӯриро каме ба таъхир гузорӣ, ҳар ғизое, ки мехӯрӣ, беҳтарин ғизо хоҳад буд, зеро таъми беҳтарин ғизои ҷаҳонро хоҳад дошт. Агар бештар кор кунӣ ва хеле хаста шавӣ, дар ҳар ҷое, ки хоб кунӣ, эҳсоси беҳтарин рахти хобро мекунӣ. Ва агар бо мардум дӯстӣ намоӣ, ба онҳо муҳаббат кунӣ, дар қалби онҳо ҷой мегирӣ ва он гоҳ дар ҳар ҷой, ки соҳиби хона шудӣ, он хона беҳтарин хона хоҳад буд”.*

*Гирдоваранда А.МИРЗОҚУЛОВА, аз саҳифаи фейсбукии дӯстон*

# ЭЪЛОН!

## *Маъюбонро фаромӯш насозед!*




*Расонидани кумак ба маъюбон ва ниёзмандон дар ин моҳи хайру сахо, ба хусус арафаи Иди саиди Фитр подоши бузург дорад. Ба ин хотир саҳифаи фейсбукии “Кумак ба маъюбон”-и Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба Шумо имконият медиҳад, ки чунин ниёзмандонро пайдо намуда, фитри рӯзаи худро бипардозед.*

# КРОССВОРД

**ТАВАҶҶУҲ!!! ҒОЛИБРО ТУҲФА ИНТИЗОР АСТ!**

***Ҳар нафаре, ки аввалин шуда кроссвордро дуруст пур карда, ба суроғаи дар поён дарҷшуда ё тариқи почтаи электронии info@hkhdtkhatlon.tj расонад, соҳиби туҳфа мешавад. Шахси ғолиб дар саҳифаи фейсбукии ҳафтаномаи "ҲАМРОЗИ ХАЛҚ" низ муаррифӣ мегардад.***

***Аммо ба ҳар нафар имконияти дар як моҳ як маротиба иштирок дар озмун дода мешавад.***



**Ҷавоби кроссворди ҳафтаномаи №15**



**АЗ ЧАП БА РОСТ:**

*1.Кадом илм маънои онро дорад, ки “ман хирадро дӯст медорам” 4.Кадом сайёра дар системаи офтобӣ суръатноктарин аст? 5.Дар кадом кишвар мурғро аз ҳама зиёд истеъмол мекунанд 6.Пойтахт ба номи нахустин Президенти ҳамон давлат номгузорӣ шудааст 8.Он қариб дар ҳар як хона ҳаст 9.Донишгоҳи Созмони Милали Муттаҳид дар куҷо ҷойгир аст? 11. Дар асри 13 эҳтиёҷ ба ин эҳсос карда шуд. Ин чист? 13. Беша дар Тоҷикистон 14.Кадом намуди паранда парвоз карда наметавонад 17.Навъ 18.Яке аз асарҳои Абӯтоҳири Тартӯсӣ 20.Калимаи “калима”-ро ба забони Корея тарҷума кунед? 23.Аз ҷиҳати зичии роҳи оҳан кадом кишвар дар Аврупо ҷойи аввал меистад? 28.Ҳамешазинда 29.Гурӯҳи хурди иҷтимоии одамон 30.Хушнудӣ*

**АЗ БОЛО БА ПОЁН:**

*1.Муассисаи саноатӣ барои коркарди ашёи хом 2.Чизе ҳаст, ки аввал месароянд, сипас ашк мерезад 3. Ягона кишваре, ки дар он хизматрасонии почта ройгон аст 6. Як давлат дар пойтахт ҷойгир аст 7.Бозаргон 10.Кадом давлат 17 ҷазира дорад? 12.Нашрия дар Тоҷикистон 14.Кадом миллатро бразилиягӣ номид? 15.Кадом намуди ҳайвон 70%-и умрашро дар хоб мегузаронад 16. Яке аз ноҳияҳои шаҳри Душанбе 17. Кадом ангиштоб дар таркиби лаблабуи қанд аст? 19.Номи яке аз шоири Шӯравии тоҷик 21. Ораз 22. Намуди касалии сирояткунанда дар Африка 23.Маркази хариду фурӯши мол 24. Ором, мулоим 25.Ҷавоҳироти зери хок пинҳонкарда 26. Номи ҳарфи бистуми алифбои арабӣ 27.Модар бо ӯзбекӣ*

**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Маҳмадалӣ Акрамов**

Ҳайати мушовара: **Қурбон Ҳакимзода,** раиси вилояти Хатлон, **Фирӯза Шарифӣ**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Ғазалшо Сафарзода,** роҳбари дастгоҳи раиси вилояти Хатлон, **Мhigалиён Қиёмиддин,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Зебо Бозорова, Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Аҳлиддини Мубораҳкшоҳ, Албина Мирзоқулова** рӯзноманигор, **Хусрав Мазориев,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ маҳолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-02-11**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**



Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Шарқи озод» бо теъдоди **19700** нусха нашр шуд.